“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
“__10__” ___04___ соли 2023

## ТАҚРИЗИ

муассиссаи пешбар ба диссертатсияи номзадии **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Убайд Раҷаб бо офариниши асарҳои баландмазмуни хеш дар адабиёти давраи нави тоҷик мавқеи муайянеро касб кардааст. Аз ҷумла, ёддоштнависӣ дар эҷодиёти вай аз лиҳози мавзуъ, мундариҷа ва сабки таълиф дорои равиши хосси худ буда, ин амр аз талошу кӯшишҳои вай барои ташаккули ин навъи адабӣ дарак медиҳад.

Рисолаи Давлатов Умаралӣ Мирзоелиевич ба мавзуи **“Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд паҳлуҳои мухталифи рӯзгору осори Убайд Раҷаб кайҳост мавриди омӯзишу пажуҳиши муҳаққиқон қарор дошта бошад, аммо баъзе паҳлуҳои эҷодиёти ин донишманди тоҷик ҳанӯз ниёз ба пажуҳиш дорад. Рисолаи мавриди таҳқиқ низ яке аз паҳлуҳои нокушодаи эҷодиёти Убайд Раҷабро фаро мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл ва хулосаю рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамият ва муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо)

ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот ва ғайра асоснок карда шудаанд, ки ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ҷавобгӯ буда, дар заминаи барномаи корҳои илмӣ- тадқиқотии кафедраи забон ва адабиёти тоҷик МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” ба анҷом расидааст.

Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки дар он нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик осори ёддоштии Убайд Раҷаб ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳқиқи ёддоштҳои Убайд Раҷаб муқаррр кардааст, ки дар баробари саҳми арзанда гузоштан дар инкишофи адабиёти кӯдакон ин адиби соҳибназар дар самти ривоҷи анъанаи ёддоштнависӣ низ саҳми арзандаи худро гузоштааст.

Мавзуи таҳқиқот ба пажӯҳиши идомаи анъанаи ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб бахшида шуда, ба таъкиди соҳиби диссертатсия бори аввал ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои нав ва суннатҳои хоси онро дар таркиби осори насрии ӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бо такя ба дидгоҳҳои адабиётшиносии рус ва нависандагони Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадем, ки насри ёддоштии мо аз адабиёти классикӣ, рус ва Шарқу Ғарб баҳра бардоштааст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии тоҷик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ- садаи бист мусоидат хоҳад намуд. Ҳамчунин, баррасии мавзуъ имконият медиҳад, ки дар

масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва забону услуби он тасаввури возеҳ пайдо карда шавад. Ҳамзамон, осори насрии Убайд Раҷаб аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар рисола ба таври махсус сурат гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия "Жанри ёддошт ва мавқеи он дар адабиёти муосири тоҷик" унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

Фасли якуми ин боб "**Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ**" номгузорӣ шуда, муҳаққиқ зимни баррасии масъалаи мазкур аз нигоҳи илмӣ ба омӯзишу таҳқиқи адабӣ нигариста, оид ба давраҳои ташаккулу пешрафти насри форсу тоҷик ибрози назар намуда, бо иқтибосот аз олимону донишмандони ватанию хориҷӣ инкишофи ин жанрро аз адабиёти классик то ба адабиёти навини тоҷик хеле хуб таҳлил намудааст.

Фасли дуюми ин боб "Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик" унвон дошта, муҳаққиқ дар ин фасл таърихи ташаккули ин жанри адабиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар ин фасл муаллиф умри ёддоштро ба умри инсон баробар донистааст. Аз ҷумла, ӯ дар диссертатсия овардааст: "Умри ёддошт ба умри инсон мерасад. Яъне, аз ҳамон замоне ки инсон по бар рӯйи ин кураи хокӣ гузоштааст, шикори ҳайвонот, зиндагӣ дар ғор, издивоҷ, марг, сохтани васоили зиндагӣ ва ғайра барои ӯ ёддоште шуданд, ки интиқоли ин ёддошт аз ҳамон замонҳои қадим ба унвони василаи тарбият, интиқоли таҷрибаҳо, одобу русум ба наслҳои баъд ба кор гирифта мешуд" (рисола, саҳ. 24).

Фасли сеюми боби аввал "Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик" номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар ин фасл оид ба анъанаи гузаштагонро идома додани адибони муосир ва навовариҳо кардан дар жанри ёддоштнависӣ маҳорати баланд зоҳир намудани нависандагони замони навро нишон додааст.

Муаллифи диссертатсия оғози ёддоштнависии адабиёти муосирро аз “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ дониста, зикр намудааст, ки: “Ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз устод Айнӣ оғоз гардидааст. “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ аз чаҳор ҷилд иборат буда, рӯзгори як давраи томи халқи тоҷикро фаро гирифтааст, ки қаҳрамони асосии асар худи устод Айнӣ мебошад. Ҳодисаю воқеаҳои солҳои 80 то ғалабаи инқилоб, ки устод Айнӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли он буд, хеле хуб ва мушаххас инъикос ёфтаанд.

Ин асаре, ки устод Айнӣ солҳои дароз аз болои он кор кардааст, ҳамчун асари ёддоштӣ ёд шудааст. Дар асари «Ёддоштҳо» бисёртар қисса, новелла, повестҳои алоҳида ворид гардидаанд. Аз ин хотир, «Ёддоштҳо»-ро метавон ҳамчун маҷмуи осори насрии солҳои охири устод ба қалам дод” (рисола, саҳ. 39).

Боби дуюми рисола **“Убайд Раҷаб ва идомаи суннату шеваҳои хоси ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад.

Фасли аввали боби дуюм “Сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб” унвон гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл сохтор ва мазмуну муҳтавои ёддоштҳои нависандаро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ин фасл маълум мегардад, ки Убайд Раҷаб осори ёддоштии хешро дар се китобаш ҷой додааст – “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош” ва “Зинда ба ишқ”. Инчунин, ду қиссаи ёддоштии нависанда – яке “Бародархонда” унвон дошта, ба рӯзгору осори Ашӯр Сафар бахшида шудааст ва дигаре “Сабақҳои зиндагӣ” номгузорӣ шудааст, ки ба айёми фаъолияти хеш дар маҷаллаи “Садои Шарқ” бахшида шудааст, дар саҳифаҳои ин нашрия ба табъ расидаанд.

Фасли дувуми боби дуюм “Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб” номгузорӣ шуда, муаллиф сараввал оид ба якчанд хусусисиёти сохтории ин навъи адабӣ дар осори Убайд Раҷаб фикрҳои хешро иброз дошта, баъдан вижагиҳои сабкию услубии жанри ёддоштро дар эҷодиёти нависанда бозгӯ намудааст.

Фасли савуми боби мавриди таҳқиқ “Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб” номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар оғози ин фасл оид ба симои Садриддин Айнӣ ва мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор гирифтани ин чеҳраи намоёни адабиёти муосир – (Ҷалол Икромӣ “Устоди ман, мактаби ман, худи ман” ва “Он чи аз сар гузашт”, Юсуф Акобиров бо ҳаммуаллифии Ш. Ҳарисов “Садриддин Айнӣ”, Ӯрун Кухзод “Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз” ва ғ.) мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, сипас, чеҳраи устод Айниро дар осори Убайд Раҷаб ҳамчун як симои барҷастаи адабиёти муосир нишон додааст. Адиб воқеъбинона дар бораи устод С. Айнӣ сухан ронда, чор лаҳзаи зиндагонии ӯро, ки бевосита худ шоҳиди он будааст, ба қалам додааст.

Фасли чоруми боби фавқуззикр “Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош»” ном дошта, муҳаққиқ дар ин фасл оид ба ҳаёти яке аз сарсупурдагони роҳи Ватан – Олмуҳаммади Раҷаб баҳс мекунад. Убайд Раҷаб дар симои қаҳрамони ин асараш як шахси ватандӯсту меҳанпарастро, ки ҳамеша барои ҳифзи марзу буми кишвар содиқ буд ва бар зидди беадолатӣ мубориза мебурд, тасвир менамояд.

Боби сеюми диссертатсия **“Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон”** унвон дошта, се фаслро фаро гирифтааст.

Фасли аввал “Бозтоби чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ»” номгузорӣ шудааст. Ин фасл оид ба фаъолияти эҷодии шоир, драматург, мунаққид ва ҚаҳрамониТоҷикистон Мирзо Турсунзода бахшида шудааст.

Фасли дувуми ин боб “Симои бадеии адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб” унвон дорад ва муаллиф он адибонеро, ки Убайд Раҷаб дар осори ёддоштии хеш дар бораашон маълумот додааст, ибрози назар намуда, бо факту далелҳо ақоиди хешро ба таври возеҳ исбот кардааст.

“Устод Убайд Раҷаб ёдкардҳои хотирмони хешро дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» роҷеъ ба устодони каломи бадеъ ба монанди Мирзо

Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина, Ҳабибулло Назаров ва Лоиқ Шералӣ ба қалам додааст", – зикр кардааст муҳаққиқ.

Фасли сеюми ин боб "Чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб" унвон дошта, муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки симои Убайд Раҷабро дар ёддоштҳои ҳамзамононаш бозгӯ намояд. Аз ҷумла, дар китоби «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» ёддоштҳои зиёде аз ҷониби адибон, олимону донишмандон ва омӯзгорон дар бораи устод Убайд Раҷаб ҷамъоварӣ шудааст, ки муаллифи рисола аз гуфтаҳои Камол Насрулло, Мирсаид Миршакар, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Абдунабӣ Сатторзода ва дигарон иқтибосот оварда, фикрҳои худро мустаҳкам кардааст.

Хулосаҳои диссертатсия дар ду банд коркард шуда, банди якум аз 14 зербанд ва банди дуюм аз 7 зербанд иборат ёфтаанд ва банди аввал"Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия" ва банди дувум "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот" номгузорӣ шудаанд. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои бадастовардаашро аз таҳқиикоти ба анҷомрасонидаи хеш хеле хуб гурӯҳбандӣ намудааст.

Бахши рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ, аз рӯйи забони таълиф ва забони русӣ ва сарчашмаи электронӣ, фарҳангу луғатномаҳо дастабандӣ шуда, маҷмуан фарогири 179 адабиёти илмӣ, таълимӣ ва сарчашмаҳои адабиву фарҳангномаҳо мебошад.

Фишурдаи диссертатсия, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, ҳаҷман 6 мақолаи интишоршудаи диссертант, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, мазмуну муҳтавои диссертатсияро комилан ифода менамоянд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд,

тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос кардаанд.

Дар диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, ба ақидаи мо, ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Фасли сеюми боби дуюми рисола, ки «Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб» номгузорӣ шудааст, агар ба боби сеюми рисола гузаронида шавад, ба мақсад мувофиқтар аст.
2. Дар матни диссертатсия ва автореферат дар ду шакл навиштани номҳо, мисли Убайд Раҷаб – Убайди Раҷаб ба назар расид.
3. Баъзе аз сарчашмаҳо дар қисмати “Рӯйхати адабиёти истифодашуда” тибқи талаботи муайяншуда таҳия нашудааст (дисс.: с.174, 175, 176, 177; автореф.: с. 3, 4, 14).
4. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва баъзан услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳу тасҳеҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри чопии он зарур аст.

Характери ҷузъӣ доштани эродҳои боло арзиши амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Муқоисаи муҳтавои автореферат бо диссертатсия ва ҳамчунон, мазмуну мавзуи мақолаҳои чопнамудаи муаллиф нишон дод, ки онҳо ба пуррагӣ ба мавзуи асосии таҳқиқ мувофиқат мекунанд.

Кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ва муҳимму мубрам медонад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

таълиф ёфтааст ва муаллифи он сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 16.03.2023, қарори №8 бо иштироки диссертант Давлатов У.М. муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест , «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқова З.К.

Эксперт:
номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Содиқов Ё.

Котиби илмии ҷалса:
доктори фалсафа (PhD)аз рӯйи ихтисоси филология, и.в.дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷ.

"Имзоҳои Холиқова З.К., Содиқов Ё. ва Шамшоди Ҷамшедро тасдиқ мекунам":
Сардори РК КМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
(+992) 918-67-08-50
29-уми марти соли 2023